# ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-089 дар назди Институти фалсафа ва сиёсатшиносии ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Холов Фаррух Наҷмимиддинович дар мавзуи “Фарҳанги бозаргонӣ ҳамчун омили рушди ҷомеаи муосири Тоҷикистон: таҳлили иҷтимоӣ – фалсафӣ”, ки ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 6.3.7.- Фалсафаи иҷтимоӣ пешниҳод шудааст**

Мавзуи диссертатсионии Холов Фаррух Наҷмимиддинович, ки ба таҳқиқи фарҳанги бозаргонӣ ҳамчун омили рушди ҷомеаи муосири Тоҷикистон бахшида шудааст, дар шароити кунунии ҷумҳурӣ мубрам ба ҳисоб меравад. Фарҳанг маҷмуи донишу эътиқод, санъату арзишҳо, урфу одат, анъанаву навоварӣ, маҷмуи қонуну қобилиятҳое, ки одамон онҳоро офарида, дар таҷриба андӯхтаанд, дар бар мегирад. Он ифодакунандаи ҳамаи намудҳои фаъолият: моддӣ, маънавӣ, меҳнатӣ-истеҳсолӣ, илмӣ-таҳқиқотӣ, хизматӣ-маишӣ, техникӣ ва ғайра; расму анъанаҳо, навпардозиҳо, эътиқоду боварҳо ва донишҳову ҳунарҳо аст. Бозор бошад ин маҷмуи муносибатҳои иқтисодию иҷтимоӣ дар самти мубодила ва иртибот ба ҳисоб рафта, ба воситаи онҳо байни мизоҷон мубодилаи молу маҳсулот ва хизматрасониҳо сурат мегиранд. Ташаккулу инкишофи бозор, асосан ба тақсимоти ҷамъиятии меҳнат иртибот дорад.

Бинобар ин, зимни омӯзиш ва таҳқиқи мавзуъ бояд ба таҳлили иҷтимоӣ-фалсафии мафҳуми фарҳанги бозаргонӣ ва ошкор кардани ҷанбаҳои иҷтимоии ин ниҳод диққати махсус дод. Зеро, таҳқиқи ҷанбаҳои иҷтимоӣ-фалсафии ин раванд дар низоми сармояи иҷтимоӣ аҳаммияти аввалиндараҷа касб мекунад. Худи ҷомеаи бозаргонӣ ва фарҳанги бозаргонӣ низ механизми иҷтимоӣ буда, тавассути он ҷомеа фаъолияти системаҳои иқтисодию иҷтимоиро таъмин менамояд. Ин тамоилгирии мавзуъ то ҳол дар доираи илмҳои фалсафӣ таҳқиқ нашуда, камомӯхта мебошад, ки аз як тараф, зарурати таҳқиқи мавзуи мазкурро пеш овард

Ҳадафи диссертатсия омӯзиши фалсафии масъалаи фарҳанги бозаргонӣ ҳамчун ниҳоди махсуси иҷтимоӣ дар шароити рушди ҷомеаи муосири Тоҷикистон. Барои расидан ба ҳадафи пешгузошташуда дар таҳқиқот иҷрои вазифаҳои мушаххас пешбинӣ шудаанд.

Этимоднокии натиҷаҳои таҳқиқотро илман асосноккунии назариявии масъала, истифодаи сарчашмаҳои муътамад, дақиқ ва кофӣ будани ҳаҷми маводи таҳлилӣ, мувофиқ будани усул ва методологияи таҳқиқот, коркарди натиҷаҳои диссертатсия, ҳаҷми интишороти мавод, инчунин хулосаҳои таҳлилӣ ва пешниҳодҳои мушаххас, ки бар таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ асос меёбанд, муайян мекунанд.

Методҳои илмии истифоданамудаи доталаб бо ихтисоси илмии диссертатсия мувофиқат менамоянд.

Навоварии илмии таҳқиқот аз он иборат мебошад, ки мафҳуми фарҳанг ва фарҳанги бозаргонӣ дар консепсияҳои гуногуни илмӣ мавриди таҳлили муқоисавӣ қарор гирифта, категорияҳои “муошırати иҷтимоӣ” ва “фаъолияти бозаргонӣ” ҳамчун категорияҳои байнифаннии таҳқиқи ҷомеа таҳлилу муқоиса карда шуданд; Моҳияти фалсафӣ-иҷтимоии падидаи бозаргонии озод дар ҷомеа ошкор гардида, ниҳоди бозаргонӣ ва ҷанбаҳои иҷтимоии он дар танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ нишон дода шуданд. Соҳибкории иҷтимоӣ ва ҷанбаҳои гендерӣ дар системаи бозаргонӣ ва феномени таваккалӣ дар фарҳанги бозаргонӣ ва зарурати татбиқи он дар раванди рушди ҷомеаи муосири Тоҷикистон мавриди таҳлилу муқоиса қарор дода мешавад.Тавассути равишҳои асосии таҳқиқи фалсафӣ масъалаи ҷойгоҳи фалсафаи ахлоқ дар танзими муносибатҳои бозаргонӣ нишон дода мешавад.  Бори аввал тамоилгирии рушди бозори «дасти дуюм» ҳамчун манбаи беҳбудии шароити иҷтимоии аҳолии кишвар ва таҳлили иҷтимоӣ-фалсафии рушди соҳибкорӣ дар шароити ҷомеаи муосири Тоҷикистон таҳлил ва ошкор карда мешавад.

Дар таҳқиқот нуктаҳои илмие ба ҳимоя пешниҳод шуданд, ки онҳо дар замони муосир ҳамчун навгонии илмӣ маҳсуб меёбанд.

Саҳми унвонҷӯ дар коркарду корбурди сарчашмаҳои назариявӣ, тартиб додани нақшаи кори илмӣ, услуби таълиф ва масъалагузорию пешниҳодҳо, таҳияи мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо оид ба мавзуи диссертатсия зоҳир мегардад.

2.. Диссертатсия ба талаботи банди 31-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Таҳқиқот ба назарияҳои дахлдори илмҳои фалсафа асос ёфта, заминаи назариявӣ ва амалӣ-таҷрибавиро барои таҳқиқи фарҳанги бозаргонӣ ҳамчун омили рушди  ҷомеаи муосири Тоҷикистон фароҳам овардааст. Хулосаҳои илмӣ ва тавсияҳои амалии натиҷаҳо, бар асоси таҳлили илмию натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ-таҷрибавӣ пешниҳод карда мешаванд. Диссертатсия аз тарафи муаллиф  мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Натиҷа ва нуктаҳои навини илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

3. Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот бо шиносномаи 6D.КОА-089 – ихтисоси 6.3.7. – Фалсафаи иҷтимоӣ  (илмҳои фалсафа), ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01 -уми октябри соли 2024, таҳти № 364 ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад. Ҳамзамон таҳқиқот ба талаботи Феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

унвонҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми ноябри соли 2017, таҳти № 5\2 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

4. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 7 мақолаи илмӣ, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд инъикоси худро ёфтаанд. Ҳамчунин, 3 мақолаи дигар дар нашрияҳои расмии илмӣ ва маводи конфронсияҳои ҷумҳуриявӣ ба нашр расидаанд.

5. Дар таҳқиқоти диссертатсионии Холов Фаррух Наҷмимиддинович истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият даровaрда шудаанд, ки аз риоя шудани банди 37-и Тартиботи додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

6. Дар рисолаи илмӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳод намудаи Холов Фаррух Наҷмимиддинович маълумоти ғайрисаҳеҳ мавҷуд нест.

7. Банди 56-и Низомномаи Шурои диссертатсиониро, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, ба инобат гирифта, комиссия пешниҳод менамояд:

**1)**Диссертатсияи Холов Фаррух Наҷмимиддинович дар мавзуи "Фарҳанги бозаргонӣ ҳамчун омили рушди ҷомеаи муосири Тоҷикистон: таҳлили иҷтимоӣ – фалсафӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 6.3.7. - Фалсафаи иҷтимоӣ дар Шӯрои дессертатсионии 6D.КОА-089 назди Институти фалсафа ва сиёсатшиносии ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон барои ҳимоя қабул карда шавад.

**2)**Муқарризони расмӣ аз рӯйи диссертатсия шахсони зерин таъин карда шаванд:

- Қаҳҳоров Ғаюр Ғафурович - доктори илмҳои фалсафа сарходими илмии шӯъбаи сотсиологияи Институти фалсафа ва сиёсатшиносии ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ
- Бердиёрова Гулбарг Ибодуллоевна - номзади илмҳои фалсафа, декани факултети "Риёзи табби"-й Коллеҷи омӯзгории шаҳри Панҷакент
- Ба ҳайси муассисаи пешбар Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.С.Осимӣ таъин карда шавад

3)Нашри эълон оид ба ҳимояи ошкорои диссертатсия дар шурои диссертатсионӣ ва ҷойгир намудани матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаи расмии Институти фалсафа ва сиёсатшиносии ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ ва сомонаи расмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Точикистон иҷозат дода шавад.

4) Чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва паҳн намудани он ба суроғаҳои дахлдор иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**

доктори илмҳои фалсафа,дотсент Н.Д.Маҳмадизода

НОЗИРИ КАДРҲО

**Аъзоёни комиссия:**

доктори илмҳои сотсиологӣ , профессор Ш.Шоисматуллоев

доктори илмҳои фалсафа, дотсент Назар М.А

**06.02.2026**